**Иктибос**
**аз Протоколи № 8**

ҷаласаи шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон

ш. Душанбе 21 октябри с. 2025

Иштирок доштанд:
Мудири шӯъба, д.и.ҳ. Абдуҷалилов А.,
сарходимони илмӣ:
академик Маҳмудзода М.А.,
узви вобастаи АМИТ, д.и.ҳ., проф. Раҳимзода М.З.,
ходимони пешбари илмӣ:
н.и.ҳ., дотсент Шонасридинов.Н.
д.и.ҳ. дотсент Қурбонов.Қ.
лаборант Латипова Ф.
даъватшудагон: д.и.ҳ. Furthermore Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

**3. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи шӯъба Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ**

Доир ба масъалаи сеюми рӯзнома мудири шуъба Абдуҷалилов А. баромад намуда, изҳор дошт, ки унвонҷӯи шӯъба Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои муҳокима ба шӯъба пешниҳод намудааст. Диссертатсияи мазкур дар шӯъба бори чорӯм барои муҳокима пешниҳод шуда, имрӯз кори илмӣ ба таври мукаммалшуда ба шӯъба пешниҳод гардидааст. Оиди аҳаммият ва мубрамияти таҳқиқотии диссертатсионии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ягон шубҳае нест, мавзӯи пешниҳодгашта яке аз мавзуҳои асосии илмии назарияи ҳуқуқ ва давлат маҳсуб ёфта, принсипҳои ҳуқуқ ва категорияҳои асосии илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб мераванд. Оиди таҳқиқоти анҷом додашуда дар мавзӯи диссертатсия сухани аввал ба роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.ҳ. Бобоҷонзода И.Ҳ. дода шуд.

Дар баромади худ Бобоҷонзода И.Ҳ. қайд намуд, ки норасоиҳои меъёрӣ дар соҳаи падидаи «розигӣ» мебоист зери таҳлили доктриналӣ ва дар шакли меъёри алоҳидаи қонун ифода ёбад. Таҳлили «розигӣ» ҳамчун амали мустақили ҳуқуқи маданӣ, барои он мубрам мебошад, ки на ҳама мушкилот вобаста ба он аз ҷониби қонунгузор ҳал карда шуданд, ҳамзамон аксарияти онҳо ба муносибати эътибор пайдо кардани муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус пайдо намуданд. Диссертатсияи пешниҳодгашта яке аз таҳқиқотҳои

аввалин дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад, ки бахшида ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Диссертатсия дар шӯъбаи ҳуқуқи хусусӣ чор маротиба мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд. Дар шакли пешниҳодгаштаи имрӯза ҳама он эрод, илова ва камбудиҳое, ки дар раванди омӯзиш аз тарафи ходимони илмии шӯъба баён шуда буданд, дар кори илмӣ ба эътибор гирифта шудааст, ва камбудиҳои байнгашта ислоҳ шудаанд.

Дар баромади худ унвонҷӯ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ ба ходимони шӯъба изҳори миннатдорӣ баён намуда, қайд намуд, ки он эроду пешниҳодҳое, ки аз тарафи ходимони шӯъба да раванди баррасии диссертатсия то имрӯз байн шуда буданд, барои такмили кори илмӣ ёрии калон расониданд, ва аз лиҳози мазмун ва шакл диссертатсия мукаммал карда шудааст.

Мудири шуъба д.и.ҳ. Абдуҷалилов А. қайд намуд, ки унвонҷӯ дарҳақиқат дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ он пешниҳод ва эродҳое, ки аз тарафи ходимони илмии шӯъба изҳор гашта буданд, ба назар гирифта, корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди таҳқиқ қарор дода, доир ба сохт, усул ва навишти диссертатсияи номзадӣ ба иҷро расонидааст.

Дар бораи масъалаи муҳокимашавандаи ҷаласа ходимони илмии шуъба д.и.ҳ. профессор Раҳимзода М.З., н.и.ҳ. Шонасриддинов Н. фикру ақидаҳои худро баён намуда, дар бораи мубрамияти мавзӯъ ақида иброз намуданд ва пешниҳод карданд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзӯи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

Дар охир мудири шӯъба А.Абдуҷалилов ҳамчун хулоса баён намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори илмӣ-таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррааргардида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад. Абдуҷалилов лоиҳаи хулосаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро оиди диссертатсияи Шерзода М.А. қироат намуда, пешниҳод намуд, ки тибқи хулосаи мазкур диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ тавсия карда шавад. Пешниҳоди А.Абдуҷалилов ба овоз монда шуда, аз тарафи ходимони шӯъба якдилона тарафдорӣ карда шуд.

Дар натиҷаи муҳокима –

**қарор карда шуд:**

Диссертатсияи унвончӯ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзӯи "Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ тавсия карда шавад.

**Мудири шӯъба**
**доктори илми ҳуқуқ** **А .Абдуҷалилов**

**котиби ҷаласа:** **Латипова Ф.**